**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
н.и.т., Ниёзӣ С.Р.

________________________________

"25" 02 ________________соли 2026

**ХУЛОСАИ**

шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи докторанти (PhD) Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)) пешниҳод шудааст.

Яҳёзода Ғолиб Яҳё 07 майи соли 1992 дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст. Солҳои 2011-2016 дар факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳсил намудааст. Солҳои 2016-2018 зинаи магистратураи муассисаи мазкурро аз рӯи ихтисоси биология (диплом ДДМ №0002916) бо муваффақият ба итмом расонидааст.

Яҳёзода Ғолиб Яҳё бо фармоиши №156, аз 27 сентябри соли 2018 ба ҳайси докторант (PhD) дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон қабул шудааст. Соли 2021 зинаи докторантураро (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва психология хатм намудааст.

Мавзуи рисолаи илмии Яҳёзода Ғолиб Яҳё аз санаи 30.04.2019 бо қарори ҷаласаи №04-и Шурои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон зери унвони «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» зери роҳбарии номзади илмҳои педагогӣ, муаллимаи

калони кафедраи педагогикаи томактабии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Қурбонова Заррина Ширинбековна тасдиқ гардидааст.

Имтиҳонҳоро бо баҳои зерин супоридааст:

1. Философия ва методологияи педагогика - 5 (аъло).
2. Методологияи тадқиқоти илмӣ - 5 (аъло).
3. Забони хориҷӣ (англисӣ) - 5 (аъло).
4. Педагогикаи умумӣ - 5 (аъло).
5. Психологияи синну солӣ - 5 (аъло).
6. Асосҳои андрогогика - 5 (аъло).
7. Асосҳои методологӣ ва гнесеологии таҳқиқоти докторӣ - 5 (аъло).
8. Этнопедагогика - 5 (аъло).
9. Психологияи педагогӣ - 5 (аъло).
10. Асосҳои психологӣ-педагогии ташаккули салоҳиятҳои омӯзгори оянда - 5 (аъло).
11. Педагогика ва психологияи креативӣ - 5 (аъло).
12. Инноватикаи педагогӣ - 5 (аъло).
13. Асосҳои педагогӣ ва психологии таълими босалоҳият - 5 (аъло).
14. Педагогикаи муқоисавӣ - 5 (аъло).
15. Имтиҳони маҷмуӣ - 5 (аъло).

Маълумотномаи академӣ дар бораи азбар намудани фанҳои таълимӣ тибқи талаботи нақшаи таълимӣ ва хатми доктори фалсафа Phd, доктор аз рӯйи ихтисос аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон санаи 21 январи соли 2025, №5 дода шудааст.

Фаъолияти кориашро соли 2012 ба ҳайси раиси созмони талабагӣ ва омӯзгорони фанни биология оғоз намуда, сипас дар вазифаи муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ кор кардааст. Солҳои 2021-2024 директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34-и шаҳри Душанбе ва аз соли 2024 то инҷониб дар вазифаи директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе фаъолият менамояд.

Диссертатсияи Яҳёзода Ғ.Я. дар шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳия гардида, ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими педагогикаи муосир – шароитҳои педагогии

ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон равона гардидааст.

Дар баромади худ Яҳёзода Ғ.Я. дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқот сухан ронда қайд намуд, ки ки тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад. Мақсад, вазифа, мазмун ва методу воситаҳои таъсиррасонии калонсол ба шахсияти кӯдакон дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии онҳо муайян карда мешавад. Маҳз синну соли томактабӣ дар ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон нақши муҳим дорад.

Мавзуи баррасишаванда аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами замони муосир буда, ба самтҳои сиёсии давлатии ҷумҳурии мо ҷавобгӯ аст. Инкишофи илмӣ ва интихоби шароити педагогӣ барои ташаккули асосҳои маърифати экологӣ тавассути шиносоӣ бо табиати диёри худ ҳамчун самти муҳими раванди таълиму тарбия пешниҳод шудааст, зеро мураттабсозии системаи ташаккули маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз усул ва технологияҳои тарбиявии аз ҷиҳати тарбияи экологӣ дар ҳамоҳангсозии фаъолияти мураббиён ва падару модар мубрам ҳисобида мешавад.

**Мақсади таҳқиқот:** Муайян ва татбиқ намудани шароитҳои педагогии ташаккули маърифати экологии кӯдакон мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон мебошад.

Дар доираи ин тадқиқот **вазифаҳои зерин** муайян карда шуданд:

- таҳлили адабиёти психологию педагогӣ ва методӣ вобаста ба мавзуъ;
- муайян намудани равишҳои назариявии мафҳуми «маърифати экологӣ»;
- рушди маърифати экологӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҳамчун як масъалаи асосии педагогӣ;
- муайян намудани шароити педагогие, ки барои ташаккули маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ самаранок мебошанд;
- ташкил ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ дар асоси Барномаи кории "Ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ".
- ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва динамикаи инкишофи маърифати экологӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ.

**Фарзияи тадқиқот:** Шароитҳои мақсадноки педагогӣ ба ташаккули асосҳои маърифати экологиии кӯдакони синни томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон мусоидат мекунанд, агар:

- асоси назариявӣ ва методологии тадқиқотро равишҳои аксиологӣ, фаъолиятӣ, арзишӣ- ҳавасмандӣ, эҳсосӣ- шахсӣ дар самти тарбияи экологии насли наврас ташкил диҳанд;

- принсипҳои таълим ва тарбияи экологӣ; ҷузъҳои арзишӣ, маърифатӣ, фаъолият; Консепсияи таълими экологӣ; тадқиқот ва корнамоиҳои методии олимон, педагогҳо, психологҳо, сотсиологҳо, экологҳо, инчунин санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда дар соҳаи тарбияи экологӣ мавриди истифода қарор ёбанд;

- дар рафти омӯзиш аз усулҳои зерини тадқиқот истифода бурда шаванд: таҳлили адабиёт ва сарчашмаҳои илмию методӣ, мушоҳида, суҳбат, анкета, пурсиш, таҷрибаҳои педагогӣ, усулҳои таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ ва ғайра.

- асоси тадқиқотро корҳои таҷрибавӣ дар заминаи муассисаҳои таълимии томактабӣ бо истифода аз барномаи кории «Ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ” ташкил диҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии** довталаби дараҷаи илмӣ Яҳёзода Ғ.Я. дар он аст, ки:

- раванди ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар синни калони томактабӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои асосии педагогӣ ҳамаҷониба таҳлил карда мешавад;

- барои омӯзиши вазъи маърифати экологӣ дар муассисаҳои томактабӣ равиши назариявӣ ва методӣ истифода шуд.

- шаклҳо ва усулҳои хеле самарабахш, инчунин воситаҳои ташаккули асосҳои маърифати экологӣ, ки ба муҳити табиати Тоҷикистон мутобиқанд, муайян ва дида баромада шуданд;

- шароитҳои педагогии инкишофи самарабахши ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ муайян карда шуданд;

-Барномаи кории истифодаи роҳу усулҳои босамари “Ташаккули асосҳои маърифати экологӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ” таҳия гардид.

- Тавсияҳои педагогӣ барои мураббиёни муассисаҳои томактабӣ оид ба ташкили раванди маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ матраҳ гардид.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи

диссертатсия таҷҷасум меёбад. Ҳамчунин муҳаққиқ барномаи кории «Табиат хонаи мост. Кадамҳои аввалин ба олами экология»-ро таҳия ва санҷидааст, ки ба ташаккули талаботи кӯдак ба тарбияи экологии кӯдакон дар ҳамкорӣ бо оила нигаронида шудааст.

**Дар боби 1 - «Асосҳои назариявии тарбияи асосҳои экологии кӯдакон дар муассисаи томактабӣ»** қайд мегардад, мақсади тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ ин ташаккул додани маърифати экологӣ дар асоси консепсия, ки одамон на шоҳи табиат, балки танҳо унсури он, узви ҷомеаи он мебошанд. Ҳарчанд дар таҳқиқи назария ва амалия, мазмун ва методологияи тарбияи экологӣ дар даҳсолаҳои охир дастовардҳои назаррас дида шавад ҳам, имрӯз ба баъзе ҷанбаҳои он дахолати фаврӣ талаб карда мешавад. Дар Тоҷикистон бо мақсади такмили раванди таълиму тарбияи экологӣ як қатор ҳуҷҷатҳои муҳими меъёрӣ қабул карда шудаанд, ки ба ҳалли проблемаҳои ба миён омадаистодаи экологӣ нигаронида шудаанд ва таҳлили онҳо дар рисола оварда шудааст.

**Дар боби дуюми диссертатсия** масъалаи **«Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони 6-7 сола»** таҳлилу таҳқиқ гардида, шароитҳои муҳими педагогии ташаккули маърифати экологии кӯдакони синни томактабӣ дар муассисаи таълимӣ коркарду тавсиф шудаанд. Истифодаи васеи методҳои гуногун ба рушди донишҳои экологӣ ва албатта ба ташаккули асосҳои маърифати экологӣ мусоидат мекунанд. Аз ҷониби муҳаққиқ дуруст қайд гардидааст, ки тарбияи экологии кӯдакон дар сурати мавҷуд будани ҳамкорӣ ва робитаи байни волидон ва мураббия, ки барои инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак шароити заруриро фароҳам меоранд, метавонад самаранок бошад. Ҳамкории зич бо волидон дар тарбияи маърифати экологӣ ба рушди шуури кӯдак таъсири ҳамаҷониба мерасонад.

**Дар боби сеюми диссертатсия**, ки “**«Ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакон мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон»**” номгузорӣ шуда, масъалаҳои ташаккулдиҳии маҷмӯи донишҳо оид ба табиат, тарбия намудани майлу рағбати ҳифз ва афзун гардондани арзишҳои табиат дар муассисаи томактабӣ баррасӣ шудааст. Коркарди «Амсилаи ташаккули маърифати экологии кӯдакон» вобаста ба мавзӯи таҳқиқотӣ имкон додааст, ки дар доираи Барномаи озмоишӣ ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калон томактабиро роҳанжозӣ намуда, натиҷаҳои мусбатро ба даст оварда шавад.

Дар **хулосаи** диссертатсия натиҷагириҳо ба тариқи зайл фароҳам оварда шудаанд:

1. Таҳқиқот собит месозад, ки маҳз синну соли калони томактабӣ барои ташаккул додани асосҳои муносибати ғамхорона ба муҳити атроф мусоид мебошад ва танҳо шароитҳои педагогии мусоидро барои ба ҳадаф ноил шудан таъмин намудан лозим аст.
2. Дар доираи корҳои озмоишӣ системаи чорабиниҳои дастаҷамъонаи педагогӣ мавриди истифодаи Барномаи кории «Табиат хонаи мост. Қадамҳои аввалин ба олами экология»«, ки ба ташаккули маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон дар гурӯҳи таҷрибавӣ нигаронида шуда буд, самаранокии баргузории озмоишҳои асосиро исбот намуд.
3. Ҳамин тавр, ҳадафи гузоштаи таҳқиқот амалӣ гардид ва вазифаҳои гузошта ҳалли худро ёфтанд. Фарзияи таҳқиқот дар бораи он, ки Барномаи кори мақсадноки педагогӣ ба ташаккули самараноки асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ муосидат мекунад, тасдиқ гардид.

Тибқи мазмуну мундариҷа рисолаи илмӣ ба унвонҷӯ аз ҷониби иштирокдорони ҷаласа н.и.п. Маҳкамов Д., н.и.п. Давлатзода С., н.и.с. Назиров Н. саволҳо пешниҳод гардида, ҷавобҳои мушаххас ва дуруст баргардонида шуд.

Сипас, муқарризони холис Гулматов Ф. - доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Давлатзода С. - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва саҳми унвонҷӯ баромад ва қайд намуданд, ки саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зуҳур меёбад, ки мавсуф масъалаи таҳқиқоти диссертасиониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, таҳқиқоти назариявӣ ва озмоиширо дуруст ба роҳ мондааст. Таҳқиқоти озмоишӣ дар се марҳила муқарраароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои таҷрибавӣ тасвибу тасдиқ кардааст.

Ҳамчунин, аъзои ҷаласа номзади илмҳои филологӣ Тоҳириён Ш., номзади илмҳои педагогӣ Бобоева М. ва номзади илмҳои педагогӣ Котибова Ш. ба музокира баромаданд. Онҳо ақидаҳои худро баён намуда, оид ба кори таҳқиқотии докторант (PhD)-и шуъба Яҳёзода Ғ. Я. баҳои мусбат дода, тавсияҳои худро пешниҳод намуданд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи 6D010100 - Таълим ва тарбияи томактабӣ (6D010101 - Назария ва методикаи

таълиму тарбия (вобаста аз соҳа ва сатҳи таҳсилот) - 6D010101.01- Назария ва методикаи таҳсилоти томактабӣ)), аз он ҷумла, ба банди 1 – Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ, банди 11 – Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва банди 13 – Фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавию озмоишӣ ҳамчун манбаи рушди назария ва методикаи тарбияи томактабӣ мувофиқ мебошад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти муҳокима ва хулосаи муқарризони холис оид ба дараҷаи коркарди масъалаи мазкур бармеояд, ки рисолаи илмии Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» кори илмии мустақилона ба анҷомрасида буда, дар он муҳаққиқ ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда муваффақ шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 10 мақолаи илмии зерин, ки 4-тоаш дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамӯдаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд:

[1-М] Назарзода Ғ.Я. Нақши ҳунарҳои мардумӣ дар тарбияи маънавии кӯдакон. [Матн] /Акрамова М., Назарзода Ғ.Я. // Маҷаллаи Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2020. - №3 (31). - С. 155-158. ISSN 2617-5320.

[2-М] Назарзода Ғ.Я. Нақши бозиҳои таълимӣ дар инкишофи фаъолияти эҷодию маърифатии кӯдакон. [Матн] / Назарзода Ғ.Я. //Маҷаллаи Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2024.- №4 (40).- С. 132-135.

[3-М] Назарзода Ғ.Я. Инкишофи асосҳои маърифати экологии кӯдакон дар машғулиятҳои таълимӣ. [Матн] / Назарзода Ғ.Я. // Маҷаллаи Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2025. - №1 (44). - С. 105-109. ISSN 2617-5320.

[4-М] Назарзода Ғ.Я. Донишҳои экологӣ ҳамчун воситаи муҳими тарбияи маънавӣ-ахлоқии хурдсолон. [Матн] /Қурбонова З.Ш., Назарзода Ғ.Я. // Маҷаллаи илмии Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.– 2025. -№2 (56). – С. 182-189. ISSN 2222-9809.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳо ба чоп расидаанд:**

[5-М] **Назарзода Ғ.Я.** Истифодабарии методҳои инноватсионӣ дар раванди азхудкунии донишҳои экологӣ [Матн] / Назарзода Ғ.Я.,

Гулмочоев Д.К. //Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир: – Душанбе, 2021. – С.143-147.

**[6-М] Назарзода Ғ.Я.** Ҳамкории равонию педагогии муассисаи таълимӣ ва оила дар тарбияи экологии хурдсолон // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалии "Нақши донишҳои психологӣ дар пойдории муносибатҳои оилавӣ". – Душанбе. 12.03. 2022. - С.201-205.

**[7-М] Назарзода Ғ.Я.** Мақсад ва вазифаҳои тарбияи экологии кӯдакон дар кӯдакистон ва оила [Матн] / Назарзода Ғ.Я., Ҷалолова Г. //Маводи конфренсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами назария ва амалияи тадқиқоти педагогӣ: дурнамои инкишофи он дар замони муосир»". – Душанбе, 2023. - С. 236-240.

**[8-М] Назарзода Ғ.Я.** Маърифати экологӣ ва аҳамияти он дар ҳифзи муҳити зист [Матн] / Назарзода Ғ.Я. //Маводи конфренсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами назария ва амалияи тадқиқоти педагогӣ: дурнамои инкишофи он дар замони муосир»". – Душанбе, 2023. - С. 287-290.

**[9-М] Назарзода Г.Я.** Хусусиятҳои ташаккули мафҳумҳои экологӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ дар машғулиятҳои шиносоӣ бо муҳити атроф/ Назарзода Г.Я. //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташкили раванди босамари таълиму тарбия зимни истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ». – Душанбе, 2024. - С.185-188.

**[10-М] Назарзода Г.Я.** Формирование экологических представлений маленьких детей о природе родного края. [Текст] / Назарзода Г.Я. // Международный научно-практический журнал «В мире науки и образования», Алмата, Казахстан, №1,2025. – С.65-69. ISSN: 3007-8946

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиёни ҷаласа шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи илмии докторант (PhD)-и шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» кори баанҷомрасида ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии докторант (PhD)-и шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Яҳёзода Ғолиб Яҳё дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои маърифати экологии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо табиати Тоҷикистон» барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ мураттаб шуда, 05 феврали соли 2026, протоколи №02 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 12 - нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ:
Тарафдор - 12 нафар; Зид-нест; Бетараф-нест.
Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, номзади илмҳои педагогӣ М.Бобоева

Котиби ҷаласа, ходими пешбари шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, номзади илмҳои педагогӣ М.Шарифиён

05.02.2026 с.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734063, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. Адхамов 11/2
Тел.: 2 25 84 06, 2 25 84 09
Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

Имзои М.Бобоева, М.Шарифиёнро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ Ҳакимова Х.